СПИД Фонд Шарқу Ғарб
AIDS Foundation East West
Тоҷикистон|Tajikistan

# ҲИСОБОТИ

## фаъолияти Ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» (СФШҒТ) дар соли 2013

Дар давраи ҳисоботӣ дар доираи лоиҳаҳои мақсаднок:

- «Муоширати оиди ВНМО ва бемории сил», бо дастгирии молявии USAID. Давраи амалӣ: «01» ноябри соли 2013 – «31» октябри соли 2014;
- «Коҳиши норасоӣ дар соҳаи саломатӣ ва ҳуқуқ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ», бо дастгирии молиявии Вазорати корҳои хориҷии Нидерландия. Давраи амалӣ: «01» июли соли 2012 - «31» декабри соли 2015,

***дар якҷоягӣ бо Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷинояти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (СИҶҶ ВА ҶТ) чунин чорабиниҳо гузаронида шуданд:***

- Фаъолитяи се Бюрои иҷтимоӣ дар назди ташкилотҳое, ки ба маҳбусон ва собиқ маҳбусон хизматрасониҳо оиди кӯмаки иҷтимоӣ дар давраи озодшавӣ пешниҳод менамоянд, дастгирӣ карда шуданд: ташкилотҳои ҷамиятии 'ВИТА', "Сино" ва 'Ҳаёти нав'.

- Дар давраҳои моҳи январ ва моҳҳои ноябр-декабри соли 2013, дар доираи лоиҳаи «Муоширати оиди ВНМО ва бемории сил», дар чорабиниҳои пешгирикунандаи оиди бемории сил, ки аз тарафи шарикони СФШҒТ ташкил шуданд, 200 маҳбусон дар муассисаҳои ислоҳотии №ЯС-3/3 ва 3/5 (ш. Хуҷанд), №ЯС3/1 ва 3/4 (ш. Душанбе), №ЯС-3/6 (ш. Ёвон) ва №ЯС-3/8 (ш. Норак) иштирок намуданд.

- Илова бар ин, 8-то тренингҳои хурд оиди «Сирояти ВНМО» аз 10 июн то 30 ноябри соли 2013 дар якҷоягӣ бо Раёсати тиббии СИҶҶ ВА ҶТ, дар доираи лоиҳаи «Коҳиши норасоӣ дар соҳаи саломатӣ ва ҳуқуқ барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ», дар 6-то муассисаҳои ислоҳотии интихобшуда (шш. Душанбе, Ваҳдат, Норак, Ёвон) бо иштироки 120 маҳбусон гузаронида шуданд.

- Мувофиқи Нақшаи муштараки СИҶҶ ВА ҶТ ва СФШҒТ тренинги «Барномаи СТАРТ Плюс» - Кӯмаки иҷтимоӣ ба маҳбусон дар давраи озодшавӣ» дар ш. Душанбе, рӯзҳои 12-13 декабри соли 2013 оиди пешниҳод намудани хизматрасониҳо барои маҳбусон дар давраи то ва баъди озодшавӣ бо иштироки 20 нафар намояндагони СИҶҶ ВА ҶТ ва ташкилоҳои ҷамъиятӣ гузаронида шуд.

- Мувофиқи Нақшаи муштараки СИҶҶ ВА ҶТ ва СФШҒТ рӯзҳои 19-20 декабри соли 2013 тренинги «Пешгирии бемории сил» дар ш. Душанбе оиди пешгирӣ ва табобати бемории сил, ҳифзи саломатӣ дар ҷои корӣ бо иштироки 20 нафар намояндагони СИҶҶ ВА ҶТ ва ташкилоҳои ҷамъиятие, ки барномаи СТАРТ Плюсро дар муассисаҳои ислоҳотии СИҶҶ ВА ҶТ амалӣ менамоянд, гузаронида шуд.

- Рӯзи 07 июни соли 2013 мувофиқи талаботи СИҶҶ ВА ҶТ таҳти №5/5-851 аз «16» апрели соли 2013 СФШҒТ 1100 (як ҳазору сад) кг. гипохлориди калсий барои муассисаҳои ислоҳотӣ ба маблағи 17 600 (ҳабдаҳ ҳазору шашсад) сомонӣ харид ва дастрас намуд.

- Мувофиқи дархости СИҶҶ ВА ҶТ таҳти №5/5 – 674 аз «04» апрели соли 2013 аз тарафи СФШҒТ ба Раёсати тиббии СИҶҶ ВА ҶТ барои гузаронидани як қатор Гурӯҳҳои кории байнихадамотӣ оиди аз нав дида баромадани Фармони №285 «Оиди хизматрасонии тиббӣ ба маҳбусон ва ҳолати санитарии муассисаҳои ислоҳотӣ» ба маблағи 2221,00 (ду ҳазору дусаду бисту як) сомонӣ кӯмаки техникӣ расонида шуд.

- Рӯзи 14 ноябри соли 2013 дар ш. Душанбе вохӯрии кории аъзоёни Гурӯҳи корӣ оиди ҳифзи саломатӣ дар СИҶҶ ВА ҶТ бо иштироки 19 нафар намояндагони ташкилотҳои давлатӣ, байналмиллалӣ ва ҷамъиятӣ гузаронида шуд.

Рӯзи 04 ноябри соли 2013 Нақшаи муштараки ТҶҶ СФШҒ ва СИҶҶ ВА ҶТ барои соли 2014 аз тарафи роҳбарияти СИҶҶ ВА ҶТ тасдиқ карда шуд.

***Маълумоти пурраро оиди чорабиниҳои гузаронида шуда дар ТҶҶ «СПИД Фонд Шарқу Ғарб – Тоҷикистон» дастрас кардан мумкин аст.***